# ХУЛОСАИ НИҲОИИ

**Шурои диссертатсионии 6D. КОА - 018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз руйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

**Парвандаи аттестатсионии №____________**

Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 04 июли соли 2023, №40 дар бораи сазовор донистани Рофиева Азиза Ҳамдамовна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

Диссертатсияи Рофиева Азиза Ҳамдамовна дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи граждании; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ санаи 25 апрели соли 2023 (суратмаҷлиси №32) аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D. КОА - 018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17, Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, № 16/шд тасдиқ шудааст) қабул карда шуд.

**Довталаби дараҷаи илмӣ:** Рофиева Азиза Ҳамдамовна 27-уми декабри соли 1968 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 1986 ба шӯъбаи рӯзонаи факултети иқтисодии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистони ба номи В.И.Ленин дохил шуда, соли 1991 Донишкадаи кооперативии шӯъравии Новосибирск дар ш. Душанбе аз рӯи ихтисоси иқтисодчӣ хатм кардааст. Рофиева Азиза Ҳамдамовна соли 1997 ба шӯъбаи ғоибонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ дохил шуда, соли 2001 муассисаи таълимии мазкурро хатм намудааст. Солҳои 1998-2004 дар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар вазифаи методисти шӯъбаи ғоибонаи факултети ҳуқуқшиносӣ, аз соли 2005-2010 ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии факултети ҳуқуқшиносӣ, аз соли 2010 то ҳол дар вазифаи муаллими калони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии факултети ҳуқуқшиносӣ фаъолият мебарад.

**Мавзуи диссертатсияи** номзадии ӯ бо Қарори Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2019, №8 тасдиқ шудааст.

Диссертатсияи унвонҷуй дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи граждании; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ иҷро гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Сангинзод Дониёр Шомаҳмад - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ оид ба корҳои илмӣ мебошад.

Диссертатсияи унвонҷуй дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ба ҳимоя ва экспертизаи даври дуюми муассиса тавсия дода шудааст (аз 28 сентябри соли 2022, № 2).

Диссертатсияи унвонҷуй 29 октябри соли 2022, протоколи №3 дар ҷаласаи шурои (семинари) илмии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон муҳокима карда шуда, ба ҳимоя пешниҳод гардид.

**Муқарризони расмӣ:**

– Исмоилов Шавкат Махмудович - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикорупсионии факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;

– Раупова Манзура Турсуновна – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

**Муассисаи пешбар -** Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (ш. Душанбе). Дар маҷмуъ тақризи муассисаи пешбар мусбӣ мебошад. Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби У.А. Меликов - и.в. профессори кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ (ихтисосаш: 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ) таҳия гардида, дар маҷлиси кафедра (аз 26 майи соли 2023, суратмаҷлиси № 11) ҷонибдорӣ карда шудааст. Дар он қайд карда мешавад, ки рисолаи Рофиева Азиза Ҳамдамовна доир ба мавзӯи «Танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ пешниҳод шудааст ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ доир ба ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо назардошти талаботҳои б. 67-70 ва 74 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ интихоб ва таъин шудаанд. Интихоби онҳо бо он асоснок мебошад, ки онҳо аз руйи ихтисоси зикршуда дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмии онҳо ба масъалаҳои танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ робита доранд.

Унвонҷуй муаллифи 13 асарҳои илмӣ мебошад, ки дар онҳо

ҷиҳатҳои норавшани масоили танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ ҳалли худро пайдо кардаанд. Масалан, дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ 3 мақола ба чоп расида, оид ба масъалаҳои баёнгардида 1 монография ва 9 мақолаи илмии дигар интишор гардидааст. Ҳамин тавр, ҳаҷми умумии интишороти унвонҷуй зиёда аз 6 ҷузъи чопӣ мебошад.

**Интишороти муҳимми унвонҷуй аз руйи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ:**

**1. Монография**

**[1–М]** Рофиева, А.Ҳ. Моҳияти ҳуқуқӣ ва иқтисодии соҳибории оилавӣ дар Тоҷикистони муосир. Танзими ҳуқуқии соҳаҳои воқеии иқтисодиёти миллӣ: ҳолат ва дурнамо[Матн] / А.Ҳ. Рофиева / Монографияи дастаҷамъона / Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Б.О. Самадов. – Хуҷанд, Ношир, 2022. – С. 162-179.

**2. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[2–М]** Рофиева, А.Ҳ. Таҷрибаи қонунгузории давлатҳои хориҷӣ оид ба соҳибкории оилавӣ[Матн] / А.Ҳ. Рофиева // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2021. – №4 (36). – С. 100-118. ISSN 2307-5198.

**[3–М]** Рофиева, А.Ҳ. Назария ва амалияи танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ[Матн] / А.Ҳ. Рофиева // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – №2 (26). – С. 117-133. ISSN 2414 -9217.

**[4–М]** Рофиева, А.Ҳ. Ҷанбаҳои ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар соҳаи комплекси агросаноатӣ [Матн] / А.Ҳ. Рофиева, Д.Ш. Сангинов // Қонунгузорӣ. – 2022. – № 4(48). – С. 56-64. ISSN 2410-2903.

**3. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[5–М]** Рофиева, А.Ҳ. Озодии фаъолияти соҳибкории оилавӣ кафолати ҳуқуқи конститутсионии ҳуқуқи шахс[Матн] / А.Ҳ. Рофиева // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон «20 соли Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҳуқуқ ва иқтисод». 11 октябри 2019 с. – Душанбе, 2019. – С . 113-116.

**[6–М]** Рофиева, А.Х. Основные принципы земельного законодательства и особенности их реализации[Текст] / А.Х. Рофиева // Республиканской научно-практической конференции на тему: «Вопрсы развития и совершенствования земелного законодательства Республики Узбекистан» Ўзбекистон Республикаси адлия вазирлиги, Тошкент давлат юридик институти. – Тошкент, 2019. – С. 139-143.

**[7–М]** Рофиева, А.Ҳ. Масъалаҳои таъмини ҳуқуқи занон дар соҳаи

фаъолияти соҳибкорӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон[Матн] / А.Ҳ. Рофиева // III-юмин конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалиии Академияи ВКД ҶТ дар мавзуи «Таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон» 10.12.2020. – Душанбе, 2020. – С. 282-286.

[8–М] Рофиева, А.Ҳ. Сайёҳӣ ва масъалаҳои такомули қонунгузории он дар Тоҷикистони муосир[Матн] / А.Ҳ. Рофиева // Масъалаҳои мубрами қонунгузорӣ оид ба рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ аз 8– уми октябри соли 2020) /. Зери таҳрири докторҳои илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессорон Раҳмон Д.С. ва Сангинов Д.Ш. – Душанбе, 2020. – С. 258-264.

[9-М] Рофиева, А.Ҳ. Асосҳои ҳуқуқии дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар рушди саноатикунонии кишвар[Матн] / А.Ҳ. Рофиева // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи А. Рудакӣ дар мавзуи “Масъалаҳои мубрами илму маориф дар шароити ҷаҳонишавӣ” аз 14.11.2020 сол. – Кулоб, 2020. – С. 440-443.

[10–М] Рофиева, А.Ҳ. Хусусияти танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон[Матн] / А.Ҳ. Рофиева // Форуми ҷумҳуриявии иқтисодии ДДҲБСТ бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи "Таъмини рушди устувор ва рақобатпазирии иқтисодиёти Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ" аз 11.12.2020. – Хуҷанд, ДДҲБСТ, 2020. – С. 311-315.

[11–М] Рофиева, А.Ҳ. Табияти ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ ҳамчун самти соҳибкорӣ [Матн] / А.Ҳ. Рофиева // Танзими ҳуқуқии самтҳои алоҳидаи соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Рушди қонунгузории Тоҷикистон оид ба самтҳои алоҳидаи соҳибкорӣ» (7-уми октябри соли 2021). – Душанбе, 2021. – С. 452-463.

[12–М] Рофиева, А.Ҳ. Асосҳои ҳуқуқи соҳибкори оилавӣ дар соҳаи сайёҳӣ[Матн] / А.Ҳ. Рофиева, Д.Ш. Сангинов // Проблемаҳо ва дурнамои рушди менеҷмент ва маркенти муосир дар саноати сайёҳӣ. Маҷмуаи маводи конференсияи илмӣ-амали ҷумҳуриявӣ. – Душанбе, 2021. – С. 135-137.

[13–М] Рофиева, А.Ҳ. Танзими ҳуқуқии рақобат ва фаъолияти инҳисорӣ дар Тоҷикистони муосир[Матн] / А.Ҳ. Рофиева, Д.Ш. Сангинов // Фаъолияти ҳуқуқэъҷодкунӣ. – 2022. – №1. – С.175-185.

**Ба Шурои диссертатсионии** 6D. КОА - 018 назди ДМТ аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо ба автореферата диссертатсия пешниҳод шудаанд: Диноршоҳ Азиз Мусо - муовини аввал, муовини директори иҷроия оид ба илм, инноватсия ва муносибатҳои байналмилалии филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн - мудири шуъбаи масоили назариявии

давлат ва ҳуқуқи муосири Института фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент; Нусратулло Бахтовар Кудратулло - муовини Ректори Донишгоҳи Славянии Русия Тоҷикистон оид ба робитаи байналмилалӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.

Ҳамаи муқарризон дар маҷмуъ таҳқиқоти анҷомдодаро мусбӣ арзёбӣ кардаанд. Ҳамзамон дар баъзе тақризҳо, ба ғайр аз тақризи Диноршоҳ Азиз Мусо, баъзе эродҳо ба назар мерасанд. Эродҳо оид ба пурратар таваҷҷуҳ намудан ба паҳлуҳои гуногуни таносуби соҳибкории оилавӣ ва самтҳои дигари соҳибкорӣ, маънои ибораи “манфиатҳои оилавӣ” равона шудаанд.

**Шурои диссертатсиони қайд менамояд, ки унвонҷуйи дараҷаи илмӣ дар асоси анҷом додани таҳқиқоти мазкур:**

- Соҳибкории оилавӣ институти ҳуқуқӣ дар низоми ҳуқуқи соҳибкорӣ ва намуди рафтори иқтисодии воҳиди ҷамъият – оила мебошад. Дар айни ҳол қонунгузор соҳибкории оилавиро бояд ҳамчун самти фаъолияти соҳибкорӣ ва падидаи муассири ҳуқуқи соҳибкорӣ ва оилавӣ бо дарҷи он дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор эътироф намояд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки дар танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ таносуби манфиатҳои оилавӣ ва давлатӣ риоя карда шуда, кафолати давлтии рушди соҳибкории оилавӣ таъмин гардад. Соҳибкории оилавӣ, ки аз дастгирии давлатӣ ва танзими махсуси қонунгузорӣ маҳрумгаштаву танҳо дар шакли худмашғулият боқӣ монда вазифаҳои муҳимтари ҳуқуқиву иқтисодиро дар модели миллии пешбурди соҳибкорӣ дар ягон давлат иҷро карда наметавонад.
- Соҳибкории оилавӣ ин самти фаъолияти соҳибкорӣ мебошад, ки дар он ду ё зиёда аъзои оила тавассути робитаҳои оилавӣ нақшҳои роҳбарӣ ё соҳибмулкӣ доранд ва бо мақсади ба даст овардани фоида таҳти масъулият истеҳсолот, иҷрои кор, хизматрасонӣ ва ё фурӯши молро ба сомон мерасонанд. Алоҳида пешниҳод гардидани истилоҳоти ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар сатҳи қонунгузорӣ шароити иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилиро барои ташаккули инфрасохтори пешрафтаи соҳибкории оилавӣ, рушди оила ҳамчун муҳити худидоракунии инсон, баланд бардоштани иқтидори оилавӣ фароҳам меорад ва ба манфиати тараққиёти ҷамъият ва иқтисодиёт истифода мегардад. Аломатҳои фарққунандаи соҳибкории оилавӣ аз дигар самтҳои соҳибкорӣ чунинанд: оила барои идоракунӣ масъул мебошанд ва ё ҳадди ақал 25% саҳмияҳои ташкилот ба оила тааллуқ доранд; молик ё менеҷерҳо соҳибкориро ҳамчун соҳибкории оилавӣ муайян ва дарк мекунанд.
- Истифодаи ин самти соҳибкорӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон имкон медиҳад, ки иҷрои вазифаи муҳими иҷтимоии давлат фаъолона амали гардида, шароити ҳуқуқии бахри фароҳам овардани имконоятҳои соҳибкории шаҳрвандон таъмин карда шавад. Омилҳои

асосии мусоидаткунанда ба рушди соҳибкории оилавӣ инҳо мебошанд: ташаккули фарҳанги ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ; ҷалби аъзоёни оила ба идоракунии фаъолият; таъминоти ворисияти соҳибкорӣ; нигоҳдории идорашавандагии соҳибкории оилавӣ; заминаи устувор барои соҳибкории хурд, миёна ва калон.

- Субъектони соҳибкории оилавӣ 2 гурӯҳ ҷудо карда мешавад: 1. Ташкилоти оилавӣ субъекти соҳибкории миёна ва калон мебошад, ки аз ҷониби аъзоёни як оила (сардори оила, зан, шавҳар, фарзандон, наберагон, падару модар, дигар хешу табори ба синни меҳнатӣ расида (занони фарзандон ва набераҳо, бародарони хуниву угай, зану шавҳар ва фарзандони онҳо, амакҳо ва холаҳо) таъсис дода шуда, идора карда мешавад; 2. Соҳибкории оилавии инфиродӣ - шахси воқеие, ки ба ҳайси соҳибкор аз қайди давлатӣ гузашта, худ ва ё бо ҷалби меҳнати аъзои оила фаъолияти соҳибкориро анҷом медиҳад.

- Аъзоёни ташкилоти оилавӣ ҳуқуқ доранд: дар идоракунии соҳибкории оилавӣ, қабули қарорҳо, назорат аз болои фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ иштирок намоянд; вобаста ба шартҳои шартномаи таъсиси ташкилоти оилавӣ ҳиссаи худро аз фоида гиранд; ихтиёран аз кори оилавӣ даст кашидан; барои баргардонидани як қисми арзиши амволи ташкилоти оилавӣ ҳангоми баромадан аз ҳайати он мутаносибан ба маблағи амволе, ки ӯ ба сармояи оинномавӣ гузоштааст ё ба ӯ дар шакли асл ҷудо кардани амвол бо ҳамон арзиш, агар дар шартномаи таъсиси ташкилоти оилавӣ тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, талаб кунанд.

- Давлат риояи ҳуқуқҳо ва ҳимояи манфиатҳои қонунии субъектони соҳибкории оилавиро кафолат медиҳад ва ба рушду таҳкими соҳибкории оилавӣ мусоидат менамояд. Мақомоти давлатӣ мувофиқи тартиби муқарраркардаи қонун ба субъектони соҳибкорони оилавӣ: барои ташкили истеҳсоли мол (кор, хизматрасонӣ) биноҳои ғайриистиқоматии истифоданашударо ба иҷора медиҳанд; барои сохтмони майдонҳои истеҳсолӣ замин ҷудо менамоянд; объектҳои истеҳсолии субъектҳои соҳибкории оилавиро ба шабакаҳои муҳандисию алоқа пайваст менамоянд; барои фурӯхтани маҳсулоти субъектони соҳибкории оилавӣ ҷойҳои махсус ҷудо мекунанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда шудааст, ки:**

- таҳлили масъалаҳои институти ҳуқуқӣ будани соҳибкории оилавӣ исбот шуда, соҳибкории оилавӣ ҳамчун самти фаъолияти соҳибкорӣ ва падидаи муассири ҳуқуқи соҳибкорӣ ва оилавӣ пешниҳод гардидааст;

- дар масъалаҳои таснифоти субъектони соҳибкории консепсияи ягона пешниҳод гардидааст, ки субъектони соҳибкории оилавӣ ба 2 гурӯҳ ҷудо карда шудаанд: ташкилоти оилавӣ ва соҳибкории оилавии инфиродӣ. Инчунин таҳлили назарияи соҳибкории оилавӣ ба сомон расонида шуда, муайян карда шудааст, ки дар ин самти соҳибкорӣ таъсири оила ва омилҳои мураккаби системавӣ мавҷуданд ва ба

равандҳои стратегӣ ва натиҷаҳои соҳибкори онҳо таъсир мерасонанд;

- натиҷаҳои илмии таҳқиқоти мазкур барои таҳқиқоти минбаъдаи табияти ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ, низоми воситаҳои ҳуқуқии таъминкунадаи соҳибкории оилавӣ, ҷанбаҳои ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар соҳаи комплекси агросаноатӣ, соҳаи сайёҳӣ, пешбурди соҳибкории оилавӣ дар соҳаҳои дигари хоҷагии халқ замина мегузорад.

**Ҷиҳатҳои гуногуни проблемаи ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ** дар асарҳои А.В. Барков, Л.А. Баркова, У.Д. Берикболова, А.В. Золотухин, С.О. Валенджян, А.Е. Муханова, Д.А. Волков, И.В. Ершова, Ш.М. Исмаилов, А.Н. Левушкин, М.А. Маҳмудзода, Ф.А. Маҳмадшозода, А.А. Мохов, Ҷ.С. Муртазозода, Т.Ю. Назарова, М.К. Немилентсев, И.А. Плотникова, М.З. Раҳимзода, Б.О. Самадов, Д.Ш. Сангинов, Ж.Б. Смагулова, Т.И. Султонова, М.Н. Умирзакова, Х.Н. Химатов, И.М. Шарифов ва дигарон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд.

Диссертатсияи мазкур бо асарҳои болозикр алоқамандӣ дорад. Вале дар он бо услуби хоси таҳқиқот, инъикоси воқеии ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва маънавии Тоҷикистон, масъалаҳои нави танзими ҳуқуқи соҳибкории оилавӣ ва таҳлили амалӣ ба талаботи замони муосир ҷавобгӯй ба сомон расонида шудааст.

**Аҳамияти амалии таҳқиқоти мазкур дар ҳолатҳои зерин ифода меёбанд:**

- пешниҳодҳо ҷиҳати такмили қонунгузорӣ дар бахши алоҳида муқаррар гардида, барои такмили минбаъдаи соҳибкории оилавӣ равона шудаанд;

- хулоса ва андешаҳои унвонҷӯй аз таҳлили амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ба вуҷуд омада, барои такмили ҳуҷҷатҳои барномавии мақомоти судӣ, прокуратура, мақомоти адлия ва дигар субъектони фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ замина мегузоранд;

- хулоса ва андешаҳои унвонҷӯй бо амалияи таълимоти ҳуқуқӣ ва тарбияи кадрҳои илмию омӯзгорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ алоқаманд буда, барои такмили нақшаҳои таълимӣ, услуби ташкили корҳои илмӣ ва такмили методикаи таълими фанҳои «Ҳуқуқи маданӣ», «Ҳуқуқи соҳибкорӣ», «Ҳуқуқи оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва курсҳои махсус замина мегузоранд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур дар ҳолатҳои зерин ифода меёбанд:**

- Аз ҳастии низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, омӯзиши дастовардҳои мактабҳои илмии ҳуқуқшиносии ватанию хориҷӣ ва таҳлили илмию амалии қонунгузории миллӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва дигар ташаббусҳо ба вуҷуд омадаанд ва дар шароити кишвар татбиқшаванда мебошанд;

- Заминаҳои эмпирикии диссертатсияро маводҳои чопшудаи амалияи Суди Олии ҶТ ва дигар судҳо, амалияи маҳдудсозӣ ва

вайроншавии қобилияти ҳуқуқдории субъективии шахсони воқеӣ ва дигар манбаҳои иттилоотию таҳлилӣ ташкил медиҳанд.

**Саҳми шахсии унвонҷуй.** Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ бо дараҷаи навовариҳои илмии диссертатсия, муқарраротҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад, бо мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳои муаллиф дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмию амалӣ, инчунин бо коркарди лоиҳаҳои санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, тағйирот ва иловаҳо ба он тасдиқ мегарданд. Инчунин тарзи ифода кардан, гузоштани масъалаҳо ва услубшиносии рисола саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро тасниф мекунад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсиони аз 4 июли соли 2023 қарор қабул карда шуд, ки ба Рофиева Азиза Ҳамдамовна дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, № 16/шд тасдиқ шудааст, 15 нафар иштирок доштанд, ки аз онко 5 нафарашон докторони илм аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 15 нафар, муқобил нест, бюллетеҳои беэътибор нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Аззизода У.А.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Назаров А.Қ.

04 - уми июли соли 2023